# فَوَائِدُ التَّقْوَى

## مِنَ الْقُرْآنِ الْكَرِيمِ

مؤلف

محمد بن صالح العثيمين

غفر الله له ولوالديه وللمسلمين

مترجم

شهاب الدين بن صالح

# ФОИДАҲОИ ТАҚВО АЗ ҚУРЪОНИ КАРИМ

***Муаллиф***
***Муҳаммад ибни Солиҳ Усаймин***
***раҳимаҳуллоҳ***
***Тарҷумон***
***Шаҳобиддин Солиҳ***

### *Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

Сипосу ситоиш барои Аллоҳ, Ӯро ҳамд мегуем ва аз Ӯ талаби ёрӣ ва мағфират мекунем ва ба сӯи Ӯ тавба мекунем ва аз шарри нафсҳоямон ва аз амалҳои бадамон ба Аллоҳ паноҳ мебарем, касеро Аллоҳ ҳидоят кунад, пас барои вай гумроҳкунандае нест ва касеро гумроҳ кунад, пас барои вай роҳнамое нест. Ва гувоҳӣ медиҳам, ки нест маъбуди барҳақ ҷуз Аллоҳи ягона, Ӯро шарике нест ва гувоҳӣ медиҳам, ки Муҳаммад банда ва расули Ӯст, салоти Аллоҳ бар Ӯ ва бар хонадони Ӯ ва ҳамсуҳбатонаш ва касе ки ононро ба некӯи пайравӣ кардааст бод ва бисёр салом фиристад.

Ва баъд, албатта тақвои Аллоҳ беҳтарин тушае аст, ки банда барои маслиҳатҳои динӣ ва дунёаш мегирад. Ва тақво ин аст, ки байни худ ва байни азоби Аллоҳ ба адои амрҳои Ӯ ва парҳез аз манъкардаҳои Ӯ  нигаҳдоре мегирад, то ки ба бандагии Аллоҳ дар ҳақиқат қоим мешавад. Пас тақво ҳамаи дин аст ва ба таҳқиқ бар тақво фоидаҳои бисёре дар дунё ва охират тартиб додааст, ки маълум аст ва ба зуди фоидаҳои онро ба қудрати Аллоҳ таъоло, ки аз Қуръони карим истифода кардем, зикр мекунем.

## *Фоида ва ояти карима*

**1-**Тавба сабаби ҳидоят ёфтан ба Қуръон аст.

Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿ ذَٰلِكَ ٱلۡكِتَٰبُ لَا رَيۡبَۛ فِيهِۛ هُدٗى لِّلۡمُتَّقِينَ ٢ ﴾ البقرة: ٢ **"Ин китобе аст, ки ҳеҷ шакке дар он нест ва сабаби ҳидояти парҳезкорон аст"**. (Сураи Бақара, ояти: 2)

**2-**Тақво сабаби наҷот аст. Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿ وَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُفۡلِحُونَ ٥ ﴾ البقرة: ٥ **"Ва онон наҷотёфтагонанд"**. (Сураи Бақара, ояти: 5)

**3-**Тақво сабаби фоида бурдан ба мавъизаҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ فَجَعَلۡنَٰهَا نَكَٰلٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهَا وَمَا خَلۡفَهَا وَمَوۡعِظَةٗ لِّلۡمُتَّقِينَ ٦٦ ﴾ البقرة: ٦٦

**"Пас Мо ин (ҷазо)-ро ибрате барои мардуми он замон ва наслҳои баъд аз онон ва панд ва андарзе барои парҳезгорон қарор додем"**. (Сураи Бақара, ояти: 66)

**4-**Ба тақво бо ҳамроҳи имон, подоши некро аз Аллоҳ ба даст оварда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَلَوۡ أَنَّهُمۡ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَمَثُوبَةٞ مِّنۡ عِندِ ٱللَّهِ خَيۡرٞ ﴾ البقرة: ١٠٣

**"Ва агар онон имон меоварданд ва парҳезгорӣ мекарданд, ҳамоно подоше аз назди Аллоҳ беҳтар буд"**. (Сураи Бақара, ояти: 103)

**5-**Некӯкории ҳақиқӣ аз тақво содир мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَلَٰكِنَّ ٱلۡبِرَّ مَنِ ٱتَّقَىٰ ﴾ البقرة: ١٨٩ **"Ва локин некӯкор касе аст, ки тақво пеша кунад"**. (Сураи Бақара, ояти: 189)

**6-**Тақво сабаби наҷот аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٨٩﴾ البقرة: ١٨٩ **"Ва аз Аллоҳ битарсед, то растагор шавед"**. (Сураи Бақара, ояти: 189)

**7-**Бо тақво ҳамроҳии хосси Аллоҳро ноил мешавӣ, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلۡمُتَّقِينَ ١٩٤﴾ البقرة: ١٩٤ **"Ва бидонед, ки Аллоҳ бо парҳезкорон аст"**. (Сураи Бақара, ояти: 194)

**8-**Тақво сабаби амн аз азоби Аллоҳ аст, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ شَدِيدُ ٱلۡعِقَابِ ١٩٦﴾ البقرة: ١٩٦ **"Ва аз Аллоҳ битарсед ва бидонед, ки Аллоҳ сахт кайфар аст"**. (Сураи Бақара, ояти: 196)

**9-**Тақво беҳтарин туша аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَتَزَوَّدُواْ فَإِنَّ خَيۡرَ ٱلزَّادِ ٱلتَّقۡوَىٰ﴾ البقرة: ١٩٧ **"Ва туша бигиред, ки беҳтарин туша парҳезкорӣ аст"**. (Сураи Бақара, ояти: 197)

**10-**Парҳезкорон дар рӯзи қиёмат фавқи мардум ҳастанд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ فَوۡقَهُمۡ يَوۡمَ ٱلۡقِيَٰمَةِ﴾ **"Ва парҳезкорон дар рӯзи қиёмат болотар аз онон ҳастанд"**. (Сураи Бақара, ояти: 212)

**11-**Тақво аз асбоби зиёд шудани илм аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۖ وَيُعَلِّمُكُمُ ٱللَّهُ﴾ البقرة: ٢٨٢ **"Ва аз Аллоҳ битарсед ва Аллоҳ ба шумо таълим медиҳад"**. (Сураи Бақара, ояти: 282)

**12-**Подоши парҳезкорон аз дунё ва шаҳватҳои он беҳтар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿قُلۡ أَؤُنَبِّئُكُم بِخَيۡرٖ مِّن ذَٰلِكُمۡۚ لِلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ عِندَ رَبِّهِمۡ﴾ آل عمران: ١٥ **"Бигӯ: Оё шуморо ба беҳтар аз инҳо хабар диҳам? Барои касоне ки тақво пеша кардаанд дар пеши Парвардигорашон"**.

(Сураи Оли Имрон, ояти: 15)

**13-**Подоши парҳезгорон ҷаннатҳое аст аз зери онон дарёҳо равон аст. Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿ جَنَّٰتٞ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا وَأَزۡوَٰجٞ مُّطَهَّرَةٞ وَرِضۡوَٰنٞ مِّنَ ٱللَّهِۗ ﴾ آل عمران: ١٥

**"Боғҳое аст ки аз зери (дарахтони) онҳо наҳрҳо равон аст, дар он ҷовидона хоҳанд буд. Ва ҳамсарони покиза (доранд), ва (ҳамчунин) аз хушнудии Аллоҳ (бархӯрдо-ранд) "**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 15)

**14-**Ба тақво муҳаббати Аллоҳ субҳонаҳуро ноил меша-вӣ. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ بَلَىٰ مَنۡ أَوۡفَىٰ بِعَهۡدِهِۦ وَٱتَّقَىٰ فَإِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ﴿٧٦﴾ ﴾ آل عمران: ٧٦ **"Оре ҳар ки ба паймони худ вафо кунад ва парҳезкорӣ намояд, пас бегумон Аллоҳ парҳезгоронро дӯст дорад"**.

(Сураи Оли Имрон, ояти: 76)

**15-**Тақво аз асбоби ҳимоят аз душман аст. Аллоҳ таъо-ло мефармояд: ﴿ وَإِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ لَا يَضُرُّكُمۡ كَيۡدُهُمۡ شَيۡـًٔاۗ ﴾ آل عمران: ١٢٠ **"Ва агар шумо сабр кунед ва парҳезгорӣ намоед, аз макр ва найрангашон ҳеҷ зиёне ба шумо намерасад"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 120)

**16-**Ба тақво шукр мутаҳаққиқ мешавад. Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿ فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تَشۡكُرُونَ ﴿١٢٣﴾ ﴾ آل عمران: ١٢٣ **"Пас аз Аллоҳ битарсед, бошад ки сипосгузорӣ намоед"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 123)

17-Тақво аз асбоби ёрӣ додан ба малоикаҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ بَلَىٰٓۚ إِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ وَيَأۡتُوكُم مِّن فَوۡرِهِمۡ هَٰذَا يُمۡدِدۡكُمۡ رَبُّكُم بِخَمۡسَةِ ءَالَٰفٖ مِّنَ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةِ مُسَوِّمِينَ ﴿١٢٥﴾ ﴾ آل عمران: ١٢٥

**"Оре, агар сабр кунед ва парҳезгорӣ намоед ва (душман) бо ҳамин ҷуш (ва хуруш) суроғи шумо биёяд. Парвардигоратон шуморо ба панҷ ҳазор фариштаи нишондор ёрӣ хоҳад дод"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 125)

**18-**Тақво аз асбоби наҷот аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٢٠٠﴾ آل عمران: ٢٠٠ **"Ва аз Аллоҳ битарсед, шояд наҷот ёбед"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 200)

**19-**Аллоҳ барои парҳезкорон ҷаннате омода кардааст, ки паҳноии он ба андозаи осмонҳо ва замин аст. Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿وَجَنَّةٍ عَرۡضُهَا ٱلسَّمَٰوَٰتُ وَٱلۡأَرۡضُ أُعِدَّتۡ لِلۡمُتَّقِينَ ١٣٣﴾ آل عمران: ١٣٣ **"Ва Биҳиште ки паҳноии он (ба қадри) осмонҳо ва замин аст (ва) барои парҳезкорон омода шудааст"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 133)

**20-**Тақво аз асбоби ноил шудани подоши бузург аст. Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿لِلَّذِينَ أَحۡسَنُواْ مِنۡهُمۡ وَٱتَّقَوۡاْ أَجۡرٌ عَظِيمٌ ١٧٢﴾ آل عمران: ١٧٢ **"Барои касоне аз онҳо ки некӣ ва парҳезгорӣ карданд, подоши бузург аст"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 172)

﴿وَإِن تُؤۡمِنُواْ وَتَتَّقُواْ فَلَكُمۡ أَجۡرٌ عَظِيمٌ ١٧٩﴾ آل عمران: ١٧٩ **"Ва агар имон биёваред ва тақво пеша кунед, подоши бузурге барои шумост"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 179)

**21-**Тақво сабаби илм ва ба Қуръон панд гирифтан аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿هَٰذَا بَيَانٌ لِّلنَّاسِ وَهُدًى وَمَوۡعِظَةٌ لِّلۡمُتَّقِينَ ١٣٨﴾

**"Ин (Қуръон) баёне аст барои мардум ва ҳидоят ва андарзе барои парҳезкорон аст"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 138)

**22-**Тақво бо сабр аз қасди умур аст, пас он далел бар тасмим ва устуворӣ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَإِن تَصۡبِرُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ذَٰلِكَ مِنۡ عَزۡمِ ٱلۡأُمُورِ ١٨٦﴾ آل عمران: ١٨٦ **"Ва агар сабр ва тақво кунед, пас корест бузург"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 186)

**23-**Барои парҳезкорон Ҷаннатҳое аст, ки аз зери онон дарёҳо равон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ لَهُمۡ جَنَّٰتٌ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ خَٰلِدِينَ فِيهَا﴾ آل عمران: ١٩٨

**"Вале касоне ки аз Парвардигорашон тарсиданд, барои онҳо боғҳое аст ки аз зери (дарахтони) он наҳрҳо ҷорӣ аст, ҷовидона дар он мемонанд"**. (Сураи Оли Имрон, ояти: 198)

**24-**Тақво аз асбоби наҷот аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ١٨٩﴾ البقرة: ١٨٩ **"Ва аз Аллоҳ битарсед то наҷот ёбед"**. (Сураи Бақара, ояти: 189)

**25-**Барои парҳезкорон охират аз дунё беҳтар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لِّمَنِ ٱتَّقَىٰ﴾ النساء: ٧٧ **"Ва сарои охират барои касе ки парҳезгор бошад, беҳтар аст"**. (Сураи Нисо, ояти: 77)

**26-**Тақво аз асбоби мағфират ва раҳмат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَإِن تُصۡلِحُواْ وَتَتَّقُواْ فَإِنَّ ٱللَّهَ كَانَ غَفُورٗا رَّحِيمٗا ١٢٩﴾ **"Ва агар роҳи ислоҳ пеша гиред ва парҳезгорӣ кунед, Аллоҳ омурзандаи меҳрубон аст"**. (Сураи Нисо, ояти: 129)

**27-**Тақво сабаби қабули амалҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿قَالَ إِنَّمَا يَتَقَبَّلُ ٱللَّهُ مِنَ ٱلۡمُتَّقِينَ ٢٧﴾ المائدة: ٢٧ **"Гуфт: Фақат Аллоҳ аз парҳезгорон қабул мекунад"**. (Сураи Моида, ояти: 27)

**28-**Тақво аз асбоби наҷот аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَٱبۡتَغُوٓاْ إِلَيۡهِ ٱلۡوَسِيلَةَ وَجَٰهِدُواْ فِي سَبِيلِهِۦ لَعَلَّكُمۡ تُفۡلِحُونَ ٣٥﴾ المائدة: ٣٥

**"Аз Аллоҳ битарсед ва ба сӯи Ӯ наздикӣ ҷуед ва дар роҳи Ӯ ҷиҳод кунед, бошад ки наҷот ёбед"**. (Сураи Моида, ояти: 35)

**29-**Парҳезкорон касонеанд, ки ба китобҳои илоҳӣ аз рӯи ҳидоят ва мавъиза нафъ мебаранд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَءَاتَيۡنَٰهُ ٱلۡإِنجِيلَ فِيهِ هُدٗى وَنُورٞ وَمُصَدِّقٗا لِّمَا بَيۡنَ يَدَيۡهِ مِنَ ٱلتَّوۡرَىٰةِ وَهُدٗى وَمَوۡعِظَةٗ لِّلۡمُتَّقِينَ ٤٦﴾

**"Ва Инҷилро ки дар он ҳидоят ва нур буд ба Ӯ додем, ки тасдиққунандаи Таврот пеш аз ӯ буд ва ҳидоят ва мавъизае барои парҳезгорон буд"**. (Сураи Моида, ояти: 46)

**30-**Тақво аз асбоби пок кардани бадиҳо ва дохил шудани Ҷаннатҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلَوۡ أَنَّ أَهۡلَ ٱلۡكِتَٰبِ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَكَفَّرۡنَا عَنۡهُمۡ سَيِّـَٔاتِهِمۡ وَلَأَدۡخَلۡنَٰهُمۡ جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٦٥﴾

المائدة: ٦٥

**"Ва агар аҳли китоб имон биёранд ва тақво кунанд, яқинан гуноҳонашонро тоза мекунем ва онҳоро ба боғҳои пурнеъмат (Биҳишт) ворид хоҳем кард"**. (Сураи Моида, ояти: 65)

**31-**Тақво аз асбоби бардоштани гуноҳ дар хӯрданиҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لَيۡسَ عَلَى ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَعَمِلُواْ ٱلصَّٰلِحَٰتِ جُنَاحٞ فِيمَا طَعِمُوٓاْ إِذَا مَا ٱتَّقَواْ﴾ المائدة: ٩٣

**"Бар касоне ки имон оварда ва корҳои шоиста анҷом додаанд, гуноҳе дар он чи хӯрдаанд нест, агар парҳезгорӣ кунанд"**. (Сураи Моида, ояти: 93)

**32-**Тақво аз аломати имон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿قَالَ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ إِن كُنتُم مُّؤۡمِنِينَ ١١٢﴾ المائدة: ١١٢ **"Гуфт: Агар мӯъмин ҳастед аз Аллоҳ битарсед"**. (Сураи Моида, ояти: 112)

**33-**Охират барои тақводорон аз дунё беҳтар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَلَلدَّارُ ٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لِّلَّذِينَ يَتَّقُونَ﴾ الأنعام: ٣٢ **"Ва қатъан сарои охират барои касоне ки парҳезгоранд, беҳтар аст"**. (Сураи Анъом, ояти: 32)

**34-**Парҳезкорон аз гуноҳи дар оятҳои Аллоҳ фурӯ равандагон наҷотёфтагон ҳастанд. Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَإِذَا رَأَيۡتَ ٱلَّذِينَ يَخُوضُونَ فِيٓ ءَايَٰتِنَا فَأَعۡرِضۡ عَنۡهُمۡ حَتَّىٰ يَخُوضُواْ فِي حَدِيثٍ غَيۡرِهِۦۚ وَإِمَّا يُنسِيَنَّكَ ٱلشَّيۡطَٰنُ فَلَا تَقۡعُدۡ بَعۡدَ ٱلذِّكۡرَىٰ مَعَ ٱلۡقَوۡمِ ٱلظَّٰلِمِينَ ٦٨ وَمَا عَلَى ٱلَّذِينَ يَتَّقُونَ مِنۡ حِسَابِهِم مِّن شَيۡءٖ﴾ الأنعام: ٦٨ – ٦٩

**"Ва ҳаргоҳ касонеро дидӣ ки дар оятҳои Мо (аз рӯи инод ва масхара) ба баҳс ва гуфтугӯ мепардозанд, аз онон рӯ бигардон, то ба сухани дигаре бипардозанд. Ва агар шайтон туро ба фаромушӣ афканд, пас ҳаргиз баъд аз ёд овардан бо гурӯҳи ситамгарон манишин. Ва чизе аз ҳисоб (ва гуноҳи) онҳо бар (уҳдаи) парҳезгорон нест"**.

(Сураи Анъом, ояти: 68-69)

**35-**Тақво аз асбоби раҳмат аст. Аллоҳ таъоло фармуд: ﴿فَٱتَّبِعُوهُ وَٱتَّقُواْ لَعَلَّكُمۡ تُرۡحَمُونَ ١٥٥﴾ الأنعام: ١٥٥ **"Аз он пайравӣ кунед ва парҳезгор бошед, то мавриди раҳмат қарор гиред"**.

(Сураи Анъом, ояти: 155)

**36-**Либоси тақво беҳтарин либос аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَلِبَاسُ ٱلتَّقۡوَىٰ ذَٰلِكَ خَيۡرٞ﴾ الأعراف: ٢٦ **"Ва либоси тақво беҳтар аст"**. (Сураи Аъроф, ояти: 26)

**37-**Тақво аз асбоби нафӣ шудани тарс ва ғам аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿فَمَنِ ٱتَّقَىٰ وَأَصۡلَحَ فَلَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٣٥﴾ الأعراف: ٣٥

**"Пас ҳар кас ки парҳезгорӣ кунад (ва аъмоли худро) ислоҳ кунад, на тарсе бар онҳост ва на онон андӯҳгин шаванд"**. (Сураи Аъроф, ояти: 35)

**38-**Тақво сабаб барои баракатҳое ки аз осмон нозил мешавад ва аз замин мерӯяд, мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلَوۡ أَنَّ أَهۡلَ ٱلۡقُرَىٰٓ ءَامَنُواْ وَٱتَّقَوۡاْ لَفَتَحۡنَا عَلَيۡهِم بَرَكَٰتٖ مِّنَ ٱلسَّمَآءِ وَٱلۡأَرۡضِ﴾ الأعراف: ٩٦

**"Ва агар аҳли шаҳрҳо имон меоварданд ва тақво мекарданд, қатъан (дарҳои) баракатҳо аз осмон ва заминро бар онҳо мекушодем"**. (Сураи Аъроф, ояти: 96)

**39-**Оқибати нек барои парҳезкорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱلۡعَٰقِبَةُ لِلۡمُتَّقِينَ ١٢٨﴾ الأعراف: ١٢٨ **"Ва оқибати (нек) аз они парҳезкорон аст"**. (Сураи Аъроф, ояти: 128)

**40-**Тақво аз асбоби раҳмат аст. Аллоҳ таъоло фармуд:

﴿وَرَحۡمَتِي وَسِعَتۡ كُلَّ شَيۡءٖۚ فَسَأَكۡتُبُهَا لِلَّذِينَ يَتَّقُونَ﴾ الأعراف: ١٥٦

**"Ва раҳматам ҳамаи чизро фаро гирифтааст, пас онро барои касоне ки тақво пеша мекунанд, муқаррар хоҳам дошт"**. (Сураи Аъроф, ояти: 156)

**41-**Охират барои тақводорон аз дунё беҳтар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱلدَّارُ ٱلۡأٓخِرَةُ خَيۡرٞ لِّلَّذِينَ يَتَّقُونَ﴾ الأعراف: ١٦٩ **"Ва сарои охират барои касоне ки тақво пеша кунанд, беҳтар аст"**. (Сураи Аъроф, ояти: 169)

**42-**Тақво сабаб барои ёд овардан ва басират дар вақти таънаи шайтон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ إِذَا مَسَّهُمۡ طَٰٓئِفٌ مِّنَ ٱلشَّيۡطَٰنِ تَذَكَّرُواْ فَإِذَا هُم مُّبۡصِرُونَ ٢٠١ ﴾ الأعراف: ٢٠١

**"Ҳамоно касоне ки парҳезгорӣ мекунанд, чун (хотира ва) васвасае аз шайтон ба онон бирасад, ба ёди (Аллоҳ) меафтанд (ва Аллоҳро ёд мекунанд) пас ногаҳон бино мегарданд"**. (Сураи Аъроф, ояти: 201)

**43-**Тақво сабаб барои басират ва ҷудо кардан дар байни ҳақ ва ботил ва кафорати бадиҳо ва мағфират аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوٓاْ إِن تَتَّقُواْ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّكُمۡ فُرۡقَانٗا وَيُكَفِّرۡ عَنكُمۡ سَيِّـَٔاتِكُمۡ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ﴾ الأنفال

**"Эй касоне ки имон овардаед агар аз Аллоҳ битарсед барои шумо роҳи наҷот (ва василае барои ҷудоӣ ҳақ ва ботил) қарор медиҳем ва гуноҳонатонро мепушонад ва шуморо меомӯрзад"**. (Сураи Анфол, ояти: 29)

**44-**Парҳезгорон ҳамон сарпарастӣ масҷиди Ҳаром ҳастанд, Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ إِنۡ أَوۡلِيَآؤُهُۥٓ إِلَّا ٱلۡمُتَّقُونَ ﴾ الأنفال: ٣٤ **"Ва сарпарастӣ он (масҷиди Ҳаром) танҳо парҳезгоронанд"**. (Сураи Анфол, ояти: 34)

**45-**Тақво сабаб барои мағфират ва раҳмат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَۚ إِنَّ ٱللَّهَ غَفُورٞ رَّحِيمٞ ٦٩ ﴾ الأنفال: ٦٩ **"Ва аз Аллоҳ битарсед, ҳамоно Аллоҳ омӯрзандаи меҳрубон аст"**. (Сураи Анфол, ояти: 69)

**46-**Ба тақво муҳаббати Аллоҳ ба даст оварда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ٤ ﴾ التوبة: ٤ **"Ҳамоно Аллоҳ парҳезкоронро дӯст медорад"**. (Сураи Тавба, ояти: 4)

**47-** Ба тақво муҳаббати Аллоҳ ба даст оварда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿فَٱسۡتَقِيمُواْ لَهُمۡۚ إِنَّ ٱللَّهَ يُحِبُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ٧﴾ التوبة: ٧ **"Шумо низ (бар сари паймонатон) вафодор бошед, албатта Аллоҳ парҳезгоронро дӯст медорад"** (Сураи Тавба, ояти: 7).

**48-**Ба тақво ҳамроҳии хосси Аллоҳро ба даст оварда мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلۡمُتَّقِينَ ٣٦﴾ **"Ва бидонед, ки Аллоҳ бо парҳезкорон аст"**. (Сураи Тавба, ояти: 36)

**49-**Ба тақво таъсис дода шуда аз ғайраш дар адои намоз шоистатар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لَّمَسۡجِدٌ أُسِّسَ عَلَى ٱلتَّقۡوَىٰ مِنۡ أَوَّلِ يَوۡمٍ أَحَقُّ أَن تَقُومَ فِيهِۚ﴾ التوبة: ١٠٨

**"Он масҷид, ки аз рӯзи аввал бар пояи тақво бино шуда, шоистатар аст, ки дар он (ба намоз) биистӣ"**. (Сураи Тавба, ояти: 108)

**50-**Хайр дар касе аст, ки асосашро бар тақво таъсис додааст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿أَفَمَنۡ أَسَّسَ بُنۡيَٰنَهُۥ عَلَىٰ تَقۡوَىٰ مِنَ ٱللَّهِ وَرِضۡوَٰنٍ خَيۡرٌ أَم مَّنۡ أَسَّسَ بُنۡيَٰنَهُۥ عَلَىٰ شَفَا جُرُفٍ هَارٖ فَٱنۡهَارَ بِهِۦ فِي نَارِ جَهَنَّمَۗ﴾ التوبة: ١٠٩

**"Оё касе ки асос (ва бунёни) онро бар тарси аз Аллоҳ ва хушнудии (Ӯ) онро бино карда беҳтар аст ё касе ки асос (ва бунёни) он бар канори партгоҳи сусте бино ниҳодааст, пас (ногаҳон) бо ӯ дар оташи Ҷаҳаннам фурӯ резад?"**. (Сураи Тавба, ояти: 109)

**51-**Тақво монеъ аз иҷозат гирифтан дар ҷиҳод аст ва ба он ҳамроҳии хосси Аллоҳро ба даст оварда мешавад.

Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَلۡيَجِدُواْ فِيكُمۡ غِلۡظَةٗۚ وَٱعۡلَمُوٓاْ أَنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلۡمُتَّقِينَ﴾ **"Ва бояд онҳо дар шумо шиддат ва дуруштӣ биёбанд ва бидонед, ки Аллоҳ бо парҳезкорон аст"**. (Сураи Тавба, ояти: 123)

**52-**Тақво аз асбоби нафъ бурдан ба оятҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ فِي ٱخۡتِلَٰفِ ٱلَّيۡلِ وَٱلنَّهَارِ وَمَا خَلَقَ ٱللَّهُ فِي ٱلسَّمَٰوَٰتِ وَٱلۡأَرۡضِ لَأٓيَٰتٖ لِّقَوۡمٖ يَتَّقُونَ ٦﴾ يونس: ٦

**"Албатта дар омаду шуди шабу рӯз ва он чи Аллоҳ дар осмонҳо ва замин офарида аст, нишонаҳое аст барои гурӯҳе ки парҳезгорӣ мекунанд"**. (Сураи Юнус, ояти: 6)

**53-**Тақво аз асбоби вилояти Аллоҳ аст ва ба он ғаму тарс нафй мешавад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿أَلَآ إِنَّ أَوۡلِيَآءَ ٱللَّهِ لَا خَوۡفٌ عَلَيۡهِمۡ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٦٢ ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٦٣﴾ يونس: ٦٢ – ٦٣

**"Огоҳ бошед! Ҳамоно дӯстони Аллоҳ, на тарсе бар онҳост ва на онҳо ғамгин мешаванд. Касоне ки имон оварданд ва парҳезгорӣ мекарданд"**. (Сураи Юнус, ояти: 62-63)

**54-**Барои парҳезгорон мужда дар дунё ва охират аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٦٣ لَهُمُ ٱلۡبُشۡرَىٰ فِي ٱلۡحَيَوٰةِ ٱلدُّنۡيَا وَفِي ٱلۡأٓخِرَةِۚ لَا تَبۡدِيلَ لِكَلِمَٰتِ ٱللَّهِۚ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلۡفَوۡزُ ٱلۡعَظِيمُ ٦٤﴾ يونس: ٦٣ – ٦٤

**"Касоне ки имон оварданд ва парҳезгорӣ мекарданд, барои онон дар зиндагии дунё ва дар охират башорат**

**аст, суханони Аллоҳ тағйирнопазир аст, ин ҳамон комёбии бузург аст"**. (Сураи Юнус, ояти: 63-64)

**55-**Оқибати нек барои парҳезкорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿فَٱصۡبِرۡۖ إِنَّ ٱلۡعَٰقِبَةَ لِلۡمُتَّقِينَ ٤٩﴾ هود: ٤٩ **"Пас сабр кун, ҳамоно оқибати (нек) барои парҳезкорон аст"**. (Сураи Ҳуд, ояти: 49)

**56-**Тақво сабаб барои манъи душманӣ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿فَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَلَا تُخۡزُونِ فِي ضَيۡفِيٓۖ﴾ هود: ٧٨ **"Ва аз Аллоҳ битарсед ва маро дар (мавриди) меҳмононам расво накунед"**. (Сураи Ҳуд, ояти: 78)

**57-**Подоши парҳезкорон аз он чизе ки дар дунё аст, беҳтар мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلَأَجۡرُ ٱلۡأٓخِرَةِ خَيۡرٞ لِّلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ٥٧﴾ يوسف: ٥٧

**"Ва яқинан подоши охират барои касоне ки имон оварданд ва парҳезгорӣ мекарданд, беҳтар аст"**. (Сураи Юсуф, ояти: 58)

**58-**Тақво аз эҳсоне аст ки Аллоҳ подоши онро зоеъ намекунад ва аз ҷумлаи он ин аст ки онро бар ғайраш тақдим намояд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّهُۥ مَن يَتَّقِ وَيَصۡبِرۡ فَإِنَّ ٱللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجۡرَ ٱلۡمُحۡسِنِينَ ٩٠﴾ يوسف: ٩٠

**"Ҳамоно ҳар кас парҳезгорӣ кунад ва сабр намояд, ҳамоно Аллоҳ подоши некӯкоронро зоеъ намекунад"**. (Сураи Юсуф, ояти: 90)

**59-**Охират барои парҳезгорон аз дунё беҳтар аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَلَدَارُ ٱلۡأٓخِرَةِ خَيۡرٞ لِّلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْۚ﴾ يوسف: ١٠٩

**"Ва сарои охират барои касоне ки парҳезгорӣ карданд, беҳтар аст"**. (Сураи Юсуф, ояти: 109)

**60-**Оқибати парҳезкорон Ҷаннат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ مَّثَلُ ٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي وُعِدَ ٱلۡمُتَّقُونَۖ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُۖ أُكُلُهَا دَآئِمٞ وَظِلُّهَاۚ تِلۡكَ عُقۡبَى ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْۖ ﴾ الرعد: ٣٥

**"Васфи Биҳиште ки ба парҳезкорон ваъда дода шудааст, (чунин аст ки:) дарёҳо аз зери (дарахтони) он ҷорӣ аст, меваҳояш ҳамешагӣ ва (низ) сояаш (доимӣ аст), ин аст саранҷоми касоне ки парҳезгорӣ карданд"**. (Сураи Раъд, ояти: 35)

**61-**Подоши тақводорон Ҷаннатҳо аст ба он чи ки дар онҳо аз анвоъи неъматҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٖ وَعُيُونٍ ٤٥ ٱدۡخُلُوهَا بِسَلَٰمٍ ءَامِنِينَ ٤٦ وَنَزَعۡنَا مَا فِي صُدُورِهِم مِّنۡ غِلٍّ إِخۡوَٰنًا عَلَىٰ سُرُرٖ مُّتَقَٰبِلِينَ ٤٧ لَا يَمَسُّهُمۡ فِيهَا نَصَبٞ وَمَا هُم مِّنۡهَا بِمُخۡرَجِينَ ٤٨ ﴾ الحجر: ٤٥ – ٤٨

**"Яқинан парҳезгорон дар боғҳо (-и Биҳишт) ва дар (канори) чашмаҳо ҳастанд. (Ба онҳо гуфта мешавад:) Ба саломат ва эминӣ ба он (боғҳо) ворид шавед. Он чи дар дилҳояшон аз кина (ва ҳасад) буд, берун кашидем, бародарона бар тахтҳо рӯ ба рӯи якдигар қарор доранд. Дар онҷо ҳеҷ хастагӣ ва ранҷе ба онҳо намерасад ва ҳеҷгоҳ аз онҷо берунашон наронанд"**. (Сураи Ҳиҷр, ояти: 45-48)

**62-**Ба тақво ҳақиқати он чиро Аллоҳ нозил кардааст, медонӣ. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَقِيلَ لِلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ مَاذَآ أَنزَلَ رَبُّكُمۡۚ قَالُواْ خَيۡرٗاۗ ﴾ النحل: ٣٠

**"Ва ба касоне ки парҳезгорӣ намуданд, гуфта шуд: Парвардигоратон чӣ чиз нозил кардааст? Гӯянд: Хайр"**.

(Сураи Наҳл, ояти: 30)

**63-**Аллоҳ бар сарои парҳезкорон сано гуфт, ки бар камоли неъматҳои он далолат мекунад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَلَدَارُ ٱلۡأٓخِرَةِ خَيۡرٞۚ وَلَنِعۡمَ دَارُ ٱلۡمُتَّقِينَ ٣٠﴾ النحل: ٣٠ **"Ва ҳароина сарои охират беҳтар аст ва сарои парҳезкорон чӣ хуб аст"**. (Сураи Наҳл, ояти: 30)

**64-**Тақводорон бар беҳтарин аҳвол мемиранд ва малоикаҳо онҳоро ба салом ва икром кардан вомехӯранд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿كَذَٰلِكَ يَجۡزِي ٱللَّهُ ٱلۡمُتَّقِينَ ٣١ ٱلَّذِينَ تَتَوَفَّىٰهُمُ ٱلۡمَلَٰٓئِكَةُ طَيِّبِينَ يَقُولُونَ سَلَٰمٌ عَلَيۡكُمُ ٱدۡخُلُواْ ٱلۡجَنَّةَ بِمَا كُنتُمۡ تَعۡمَلُونَ ٣٢﴾ النحل: ٣١ - ٣٢

**"Ингуна Аллоҳ тақводоронро подош медиҳад. (Ҳамон) касоне ки фариштагони (раҳмат) ҷонашонро мегиранд, дар ҳоле ки поканд, (ба онҳо) мегӯянд: Салом бар шумо, ба хотири он чи ки мекардед, ба Биҳишт ворид шавед"**. (Сураи Наҳл, ояти: 31-32)

**65-**Тақво аз асбоби ҳамроҳии хосси Аллоҳ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱللَّهَ مَعَ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّٱلَّذِينَ هُم مُّحۡسِنُونَ ١٢٨﴾ النحل: ١٢٨ **"Ҳамоно Аллоҳ бо касоне аст, ки тақво пеша карданд ва касоне ки некӯкоронанд"**. (Сураи Наҳл, ояти: 128)

**66-**Тақво аз сифатҳои расулон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَحَنَانٗا مِّن لَّدُنَّا وَزَكَوٰةٗۖ وَكَانَ تَقِيّٗا ١٣﴾ مريم: ١٣ **"Ва (низ ба ӯ) шафқат ва покизагӣ аз ҷониби худ (ато кардем) ва (ӯ) парҳезгор буд"**. (Сураи Марям, ояти: 13)

**67-**Мерос бурдани Ҷаннатҳо ба тақво аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿تِلۡكَ ٱلۡجَنَّةُ ٱلَّتِي نُورِثُ مِنۡ عِبَادِنَا مَن كَانَ تَقِيّٗا ٦٣﴾ مريم: ٦٣ **"Ин ҳамон Биҳиште аст ки аз (миёни) бандагонамон (ба) он касе ки**

**(дар дунё) парҳезгор буда бар ирс медиҳем"**. (Сураи Марям, ояти: 63)

**68-**Тақво сабаби наҷот аз оташ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ ثُمَّ نُنَجِّي ٱلَّذِينَ ٱتَّقَواْ وَّنَذَرُ ٱلظَّٰلِمِينَ فِيهَا جِثِيًّا ﴾ مريم: ٧٢ **"Сипас касонеро ки тақво карданд аз он раҳои мебахшем ва ситамкоронро ба зону даромада дар он раҳо мекунем"**. (Сураи Марям, ояти: 72)

**69-**Парҳезгорон дастаҷамъӣ, ба сурати меҳмон ба сӯи Аллоҳ ҷамъ оварда мешаванд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ يَوۡمَ نَحۡشُرُ ٱلۡمُتَّقِينَ إِلَى ٱلرَّحۡمَٰنِ وَفۡدٗا ﴾ مريم: ٨٥ **"Рӯзе ки парҳезгоронро (дастаҷамъӣ) ба сурати меҳмон ба сӯи (Аллоҳи) Раҳмон гирд оварем"**. (Сураи Марям, ояти: 85)

**70-**Қуръон мужда барои парҳезгорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ لِتُبَشِّرَ بِهِ ٱلۡمُتَّقِينَ ﴾ مريم: ٩٧ **"То парҳезгоронро бо он (Қуръон) башорат диҳӣ"**. (Сураи Марям, ояти: 97)

**71-**Оқибати нек барои парҳезкорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَٱلۡعَٰقِبَةُ لِلتَّقۡوَىٰ ﴾ طه: ١٣٢ **"Ва оқибати нек барои парҳезкорон аст"**. (Сураи Тоҳо, ояти: 132)

**72-**Парҳезгорон касонеанд, ки ба китобҳо нафъ мебаранд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَلَقَدۡ ءَاتَيۡنَا مُوسَىٰ وَهَٰرُونَ ٱلۡفُرۡقَانَ وَضِيَآءٗ وَذِكۡرٗا لِّلۡمُتَّقِينَ ﴾ الأنبياء: ٤٨ **"Ва ба ростӣ ба Мусо ва Ҳорун фурқон (ҷудокунандаи ҳақ аз ботил) ва равшанӣ ва панде барои парҳезгорон додем"**. (Сураи Анбиё, ояти: 48)

**73-**Тақво аз асбоби наҷот дар рӯзи қиёмат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمۡۚ إِنَّ زَلۡزَلَةَ ٱلسَّاعَةِ شَيۡءٌ عَظِيمٞ ﴾ الحج: ١

**"Аз Парвардигоратон битарсед, бешак зилзилаи қиёмат ҳодисаи бузурге аст"**. (Сураи Ҳаҷ, ояти: 1)

**74-** Тақво аз асбоби таъзими шиъорҳои Аллоҳ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَمَن يُعَظِّمۡ شَعَٰٓئِرَ ٱللَّهِ فَإِنَّهَا مِن تَقۡوَى ٱلۡقُلُوبِ ٣٢﴾ **"Ва касе ки шаъоири илоҳиро бузург дорад, пас бегумон ин (кор) аз парҳезгории дилҳост"**. (Сураи Ҳаҷ, ояти: 32)

**75-** Тақво чизе аст, ки ба Аллоҳ мепайвандад, пас банда нафъ мебарад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَلَٰكِن يَنَالُهُ ٱلتَّقۡوَىٰ مِنكُمۡ﴾ الحج: ٣٧ **"Ва лекин парҳезгории шумо ба Ӯ мерасад"**. (Сураи Ҳаҷ, ояти: 37)

**76-** Тақво сабаб барои панд гирифтан ба Қуръон ва ғайраш мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَمَثَلٗا مِّنَ ٱلَّذِينَ خَلَوۡاْ مِن قَبۡلِكُمۡ وَمَوۡعِظَةٗ لِّلۡمُتَّقِينَ ٣٤﴾ النور: ٣٤ **"Ва достоне аз ҳоли касоне ки пеш аз шумо гузаштанд ва андарзе барои парҳезгорон"**. (Сураи Нур, ояти: 34)

**77-** Тақво аз асбоби пирӯзӣ ва он ҳосил шудани талабшуда ва наҷот аз тарсидашуда аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَمَن يُطِعِ ٱللَّهَ وَرَسُولَهُۥ وَيَخۡشَ ٱللَّهَ وَيَتَّقۡهِ فَأُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡفَآئِزُونَ ٥٢﴾ النور: ٥٢ **"Ва касе ки Аллоҳ ва паёмбарашро итоат кунад ва аз Аллоҳ битарсад ва аз (мухолифати фармони) Ӯ бипарҳезад, пас инҳоянд, ки комёби (воқеъӣ) ҳастанд"**. (Сураи Нур, ояти: 52)

**78-**Парҳезкорон ба Ҷаннат ваъда дода шудаанд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿أَذَٰلِكَ خَيۡرٌ أَمۡ جَنَّةُ ٱلۡخُلۡدِ ٱلَّتِي وُعِدَ ٱلۡمُتَّقُونَ﴾ الفرقان: ١٥ **"Оё ин беҳтар аст, ё Биҳишти ҷовидоне ки ба парҳезкорон ваъда дода шудааст?!"**. (Сураи Фурқон, ояти: 15)

**79-**Барои парҳезкорон дар Ҷаннат он чи мехоҳанд, мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ لَّهُمْ فِيهَا مَا يَشَآءُونَ خَٰلِدِينَ ﴾ الفرقان: ١٦ **"Ҳар чи бихоҳанд дар онҷо барояшон (муҳаё) аст"**. (Сураи Фурқон, ояти: 16)

**80-**Ҷаннат барои парҳезкорон наздик карда шудааст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَأُزْلِفَتِ ٱلْجَنَّةُ لِلْمُتَّقِينَ ﴿٩٠﴾ ﴾ الشعراء: ٩٠ **"Ва (дар он рӯз) Биҳишт барои парҳезгорон наздик оварда шавад"**. (Сураи Шуъаро, ояти: 90)

**81-**Тақво аз асбоби наҷот аз азоб дар дунё аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَأَنجَيْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُوا۟ وَكَانُوا۟ يَتَّقُونَ ﴿٥٣﴾ ﴾ النمل: ٥٣ **"Ва касонеро ки имон оварда ва парҳезгор буданд, наҷот додем"**. (Сураи Намл, ояти: 53)

**82-**Оқибати нек барои парҳезгорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَٱلْعَٰقِبَةُ لِلْمُتَّقِينَ ﴿٨٣﴾ ﴾ القصص: ٨٣ **"Ва оқибати нек барои тақводорон аст"**. (Сураи Қасас, ояти: 83)

**83-** Тақво аз асбоби салоҳи амалҳо ва мағфирати гуноҳҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ ٱتَّقُوا۟ ٱللَّهَ وَقُولُوا۟ قَوْلًا سَدِيدًا ﴿٧٠﴾ يُصْلِحْ لَكُمْ أَعْمَٰلَكُمْ وَيَغْفِرْ لَكُمْ ذُنُوبَكُمْ ﴾ الأحزاب: ٧٠ - ٧١

**"Аз Аллоҳ битарсед ва сухани дуруст (ва ҳақ) бигуед, то (Аллоҳ) корҳоятонро бароятон ислоҳ кунад ва гуноҳатонро биёмурзад"**. (Сураи Аҳзоб, ояти: 70-71)

**84-** Тақво аз асбоби раҳмат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ ٱتَّقُوا۟ مَا بَيْنَ أَيْدِيكُمْ وَمَا خَلْفَكُمْ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ﴿٤٥﴾ ﴾ يس: ٤٥ **"Аз он чи пеши рӯи шумост ва аз он чи пушти сари шумост, битарсед, шояд мавриди раҳмат қарор гиред"**. (Сураи Ёсин, ояти: 45)

**85-**Шаъни тақводорон олӣ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿أَمۡ نَجۡعَلُ ٱلۡمُتَّقِينَ كَٱلۡفُجَّارِ﴾ ص: ٢٨ **"Оё парҳезкоронро монанди бадкорон қарор медиҳем?"**. (Сураи Сод, ояти: 28)

**86-**Бозгашти нек барои парҳезгорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَإِنَّ لِلۡمُتَّقِينَ لَحُسۡنَ مَـَٔابٖ ﴿٤٩﴾﴾ ص: ٤٩ **"Ва бегумон барои парҳезгорон манзилгоҳӣ неку аст"**. (Сураи Сод, ояти: 49)

**87-**Аз натиҷаҳои тақво сидқ ва тасдиқ кардан аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَٱلَّذِي جَآءَ بِٱلصِّدۡقِ وَصَدَّقَ بِهِۦٓ أُوْلَٰٓئِكَ هُمُ ٱلۡمُتَّقُونَ ﴿٣٣﴾﴾ الزمر: ٣٣

**"Ва касе ки сухани ростро овард ва онро тасдиқ кард, инҳоянд ки парҳезгоронанд"**. (Сураи Зумар, ояти: 33)

**88-**Барои тақводорон дар Ҷаннат он чи ки мехоҳанд, мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لَهُم مَّا يَشَآءُونَ عِندَ رَبِّهِمۡ﴾ الزمر: ٣٤ **"Барояшон ҳар чи бихоҳанд назди Парвардигорашон (омода) аст"**. (Сураи Зумар, ояти: 34)

**89-**Тақво сабаб барои кафорати бадиҳо ва подоши нек аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لِيُكَفِّرَ ٱللَّهُ عَنۡهُمۡ أَسۡوَأَ ٱلَّذِي عَمِلُواْ وَيَجۡزِيَهُمۡ أَجۡرَهُم بِأَحۡسَنِ ٱلَّذِي كَانُواْ يَعۡمَلُونَ ﴿٣٥﴾﴾ الزمر

**"То Аллоҳ бадтарин амалҳоеро ки муртакиб шудаанд, аз онҳо дур кунад ва онҳоро ба беҳтарин амалҳое ки анҷом медоданд подош диҳад"**. (Сураи Зумар ояти: 35)

**90-**Барои тақводорон дар Ҷаннат боғҳои олӣ бо неъматҳои комил аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿لَٰكِنِ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ لَهُمۡ غُرَفٞ مِّن فَوۡقِهَا غُرَفٞ مَّبۡنِيَّةٞ تَجۡرِي مِن تَحۡتِهَا ٱلۡأَنۡهَٰرُ﴾ الزمر: ٢٠

**"Локин барои касоне ки аз Парвардигорашон тарсиданд, утоқҳое (дар Биҳишт) аст, ки бар фарози онҳо утоқҳои дигар бино шудааст ва аз зери онҳо дарёҳо равон аст"**. (Сураи Зумар, ояти: 20)

**91-**Тақво аз асбоби наҷот ёфтан аз ҳалокатҳо ва аз бадӣ саломат мондан аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَيُنَجِّي ٱللَّهُ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ بِمَفَازَتِهِمۡ لَا يَمَسُّهُمُ ٱلسُّوٓءُ وَلَا هُمۡ يَحۡزَنُونَ ٦١﴾ الزمر: ٦١

**"Ва Аллоҳ касонеро ки парҳезгорӣ карданд бо растагорияшон наҷот медиҳад, на ранҷе ба онҳо расад ва на онҳо андӯҳгин мешаванд"**. (Сураи Зумар, ояти: 61)

**92-**Парҳезкорон ба Ҷаннат гурӯҳ-гурӯҳ бурда мешаванд, бурдани бо эҳтиром ва абадӣ. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَسِيقَ ٱلَّذِينَ ٱتَّقَوۡاْ رَبَّهُمۡ إِلَى ٱلۡجَنَّةِ زُمَرًاۖ حَتَّىٰٓ إِذَا جَآءُوهَا وَفُتِحَتۡ أَبۡوَٰبُهَا وَقَالَ لَهُمۡ خَزَنَتُهَا سَلَٰمٌ
عَلَيۡكُمۡ طِبۡتُمۡ فَٱدۡخُلُوهَا خَٰلِدِينَ ٧٣ وَقَالُواْ ٱلۡحَمۡدُ لِلَّهِ ٱلَّذِي صَدَقَنَا وَعۡدَهُۥ وَأَوۡرَثَنَا ٱلۡأَرۡضَ نَتَبَوَّأُ مِنَ
ٱلۡجَنَّةِ حَيۡثُ نَشَآءُۖ فَنِعۡمَ أَجۡرُ ٱلۡعَٰمِلِينَ ٧٤﴾ الزمر: ٧٣ - ٧٤

**"Ва касоне ки аз Парвардигорашон тарсиданд гурӯҳ-гурӯҳ ба Биҳишт бурда мешаванд, то вақте ба (канори) он расанд ва дарҳояш кушода шавад ва нигаҳбононаш ба онон гӯянд: Салом бар шумо покиза будаед (хуш бошед) пас ба ҷовидона ба он (Биҳишт) ворид шавед. Ва (биҳиштиҳо) гӯянд: Ҳамду ситоиш махсуси Аллоҳе аст ки ваъдааш дар ҳаққи мо рост буд ва сарзамини (Биҳишт)-ро ба ирс ба мо дод, ки аз Биҳишт ҳарҷо ки бихоҳем манзил мегирем, пас чи некӯ аст подоши амалкунандагон"**. (Сураи Зумар, ояти: 73-74)

**93-**Тақво аз асбоби наҷот ёфтан аз азоби дунё аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَنَجَّيْنَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ وَكَانُواْ يَتَّقُونَ ۝١٨ ﴾ فصلت: ١٨ **"Ва касоне ки имон оварда буданд ва парҳезгор буданд, наҷот додем"**. (Сураи Фуссилат, ояти: 18)

**94-**Охират барои парҳезкорон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَٱلْأَخِرَةُ عِندَ رَبِّكَ لِلْمُتَّقِينَ ۝٣٥ ﴾ الزخرف: ٣٥ **"Ва охират назди Парвардигорат барои парҳезгорон аст"**. (Сураи Зухруф, ояти: 35)

**95-**Дӯстӣ дар байни дӯстон дар тақво дар дунё ва охират собит аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ ٱلْأَخِلَّآءُ يَوْمَئِذٍۭ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ عَدُوٌّ إِلَّا ٱلْمُتَّقِينَ ۝٦٧ ﴾ الزخرف: ٦٧ **"Дӯстон дар он рӯз (қиёмат) душмани якдигарнд, ҷуз парҳезкорон"**. (Сураи Зухруф, ояти: 67)

**96-**Ҷойгоҳи парҳезкорон ҷойгоҳи амне дар Ҷаннат ва канори чашмаҳост ба он ки дар он аз неъматҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ ٱلْمُتَّقِينَ فِي مَقَامٍ أَمِينٍ ۝٥١ فِي جَنَّٰتٍ وَعُيُونٍ ۝٥٢ يَلْبَسُونَ مِن سُندُسٍ وَإِسْتَبْرَقٍ مُّتَقَٰبِلِينَ ۝٥٣ كَذَٰلِكَ وَزَوَّجْنَٰهُم بِحُورٍ عِينٍ ۝٥٤ يَدْعُونَ فِيهَا بِكُلِّ فَٰكِهَةٍ ءَامِنِينَ ۝٥٥ لَا يَذُوقُونَ فِيهَا ٱلْمَوْتَ إِلَّا ٱلْمَوْتَةَ ٱلْأُولَىٰ وَوَقَىٰهُمْ عَذَابَ ٱلْجَحِيمِ ۝٥٦ فَضْلًا مِّن رَّبِّكَ ذَٰلِكَ هُوَ ٱلْفَوْزُ ٱلْعَظِيمُ ۝٥٧ ﴾ الدخان: ٥١ – ٥٧

**"Албатта парҳезгорон дар ҷойгоҳи амне ҳастанд, дар (миёни) боғҳо ва (канори) чашмаҳо (либосҳое) аз дебои нозук ва дебои захим мепӯшанд, рӯ ба рӯи ҳам менишинанд, инчунин ва ҳуриёни кушодачашми (биҳишти)-ро ба ҳамсарии онҳо дар меоварем. Дар он (Биҳишт) бо амн (ва оромиши хотир) ҳар меваеро, (ки бихоҳанд) металабанд. Дар он (Биҳишт) маргро намечашанд, ма-**

**гар ҳамон марги нахустин (ки дар дунё чашидаанд) ва (Аллоҳ) онҳоро аз азоби Дӯзах ҳифз мекунад. (Ин) бахшише аст аз (сӯи) Парвардигорат, ин ҳамон комёбии бузург аст"**. (Сураи Духон, ояти: 51-57)

**97-**Тақво аз асбоби вилояти Аллоҳ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَٱللَّهُ وَلِيُّ ٱلۡمُتَّقِينَ ﴿١٩﴾ ﴾ الجاثية: ١٩ **"Ва Аллоҳ ёвари парҳезкорон аст"**. (Сураи Ҷосия, ояти: 19)

**98-**Парҳезгорон ба Ҷаннате ки дар он анвоъи неъматҳост ваъда дода шудаанд. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ مَّثَلُ ٱلۡجَنَّةِ ٱلَّتِي وُعِدَ ٱلۡمُتَّقُونَۖ فِيهَآ أَنۡهَٰرٞ مِّن مَّآءٍ غَيۡرِ ءَاسِنٖ وَأَنۡهَٰرٞ مِّن لَّبَنٖ لَّمۡ يَتَغَيَّرۡ طَعۡمُهُۥ وَأَنۡهَٰرٞ مِّنۡ خَمۡرٖ لَّذَّةٖ لِّلشَّٰرِبِينَ وَأَنۡهَٰرٞ مِّنۡ عَسَلٖ مُّصَفّٗىۖ وَلَهُمۡ فِيهَا مِن كُلِّ ٱلثَّمَرَٰتِ وَمَغۡفِرَةٞ مِّن رَّبِّهِمۡۖ كَمَنۡ هُوَ خَٰلِدٞ فِي ٱلنَّارِ وَسُقُواْ مَآءً حَمِيمٗا فَقَطَّعَ أَمۡعَآءَهُمۡ ﴿١٥﴾ ﴾ محمد: ١٥

**"Васфи Биҳиште ки ба парҳезкорон ваъда дода шуда, чунин аст ки дар он дарёҳое аз оби зулол бадбӯ нашуда ва дарёҳое аз шир ки таъми он дигаргун нагашта ва дарёҳое аз шароби (ноб) ки мояи лаззати нӯшандагон аст ва дарёҳое аз асали мусаффо вуҷуд дорад. Ва (низ) дар он барои онҳо аз ҳаргуна меваҳо (муҳаё) аст ва (аз ҳама бартар) омурзише аз сӯи Парвардигорашон аст. (Оё инҳо) ҳамонанди касоне ҳастанд ки ҳамеша дар оташи (Ҷаҳаннам)-анд ва аз оби ҷушон нӯшонда шаванд, ки рудаҳояшонро пора-пора кунад?"**. (Сураи Муҳаммад, ояти: 15)

**99-**Тақво аз асбоби ба даст овардани подош аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَإِن تُؤۡمِنُواْ وَتَتَّقُواْ يُؤۡتِكُمۡ أُجُورَكُمۡ ﴾ محمد: ٣٦ **"Ва агар имон оваред ва парҳезгорӣ кунед (Аллоҳ) подошҳоятонро ба шумо хоҳад дод"**. (Сураи Муҳаммад, ояти: 36)

**100-**Тақво сабаб барои раҳмат аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَاتَّقُوا اللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ ۝١٠﴾ الحجرات: ١٠ **"Ва аз Аллоҳ битарсед, бошад ки шумо шомили раҳмат шавед"**. (Сураи Ҳуҷурот, ояти: 10)

**101-**Ба тақво дар назди Аллоҳ кароматро ноил мешавӣ. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ﴾ الحجرات: ١٣ **"Ҳамоно гиромитарини шумо дар назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост"**. (Сураи Ҳуҷурот, ояти: 13)

**102-**Тақво сабаб барои таъзими Расулуллоҳ саллаллоҳу алайҳи ва саллам аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ الَّذِينَ يَغُضُّونَ أَصْوَاتَهُمْ عِندَ رَسُولِ اللَّهِ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ امْتَحَنَ اللَّهُ قُلُوبَهُمْ لِلتَّقْوَىٰ﴾ الحجرات: ٣

**"Бегумон касоне ки садои худро назди Расулуллоҳ пойин меоранд, онҳо касоне ҳастанд, ки Аллоҳ дилҳояшонро барои тақво озмудааст"**. (Сураи Ҳуҷурот, ояти: 3)

**103-**Ҷаннат барои парҳезкорон наздик карда шуд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَأُزْلِفَتِ الْجَنَّةُ لِلْمُتَّقِينَ غَيْرَ بَعِيدٍ ۝٣١﴾ ق: ٣١ **"(Дар он рӯз) Биҳиштро барои парҳезгорон наздик оваранд (то онҳо аз он) дур набошанд"**. (Сураи Қоф, ояти: 31)

**104-**Подоши парҳезкорон Ҷаннатҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي جَنَّاتٍ وَعُيُونٍ ۝١٥﴾ الذاريات: ١٥ **"(Дар рӯзи қиёмат) албатта парҳезкорон дар боғҳо ва чашмасорҳо (-и Биҳишт) ҳастанд"**. (Сураи Зориёт, ояти: 15)

**105-**Подоши парҳезкорон Ҷаннатҳо аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ الْمُتَّقِينَ فِي جَنَّاتٍ وَنَعِيمٍ ۝١٧﴾ الطور: ١٧ **"Албатта парҳезгорон дар боғҳо (-и Биҳишт) ва неъматҳо (-и фаровон) ҳастанд"**. (Сураи Тур, ояти: 17)

**106-**Тақво хашияти аз Аллоҳро ба мерос мегузорад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ قَالُوٓاْ إِنَّا كُنَّا قَبۡلُ فِيٓ أَهۡلِنَا مُشۡفِقِينَ ٢٦ ﴾ الطور: ٢٦ **"Мегӯянд: Мо пеш аз ин дар миёни хонаводаи худ (аз азоби илоҳӣ) тарсон будем"**. (Сураи Тур, ояти: 26)

**107-**Подоши парҳезкорон Ҷаннатҳо ва неъматҳои он аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي جَنَّٰتٖ وَنَهَرٖ ٥٤ ﴾ القمر: ٥٤ **"Албатта парҳезгорон дар боғҳо ва (канори) дарёҳо (-и Биҳиштӣ) ҳастанд"**. (Сураи Қамар, ояти: 54)

**108-**Тақво аз асбоби дучанд шудани раҳмат, ҳидоят ва мағфират аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ يَٰٓأَيُّهَا ٱلَّذِينَ ءَامَنُواْ ٱتَّقُواْ ٱللَّهَ وَءَامِنُواْ بِرَسُولِهِۦ يُؤۡتِكُمۡ كِفۡلَيۡنِ مِن رَّحۡمَتِهِۦ وَيَجۡعَل لَّكُمۡ نُورٗا تَمۡشُونَ بِهِۦ وَيَغۡفِرۡ لَكُمۡ ﴾ الحديد: ٢٨

**"Эй касоне ки имон овардаед! Аз Аллоҳ битарсед ва ба паёмбараш имон биёваред, то ду баҳра аз раҳматаш ба шумо бибахшад ва барои шумо нуре қарор диҳад, ки бо он роҳ биравед ва гуноҳони шуморо биёмурзад"**. (Сураи Ҳадид, ояти: 28)

**109-**Тақво сабаб барои баромадан аз тангиҳо ва васеъ шудани ризқ аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّهُۥ مَخۡرَجٗا ٢ وَيَرۡزُقۡهُ مِنۡ حَيۡثُ لَا يَحۡتَسِبُ ﴾ الطلاق: ٢ – ٣

**"Ва ҳар кас ки аз Аллоҳ битарсад, (Аллоҳ) роҳи наҷоте барои ӯ қарор медиҳад. Ва ӯро аз ҷое ки гумон надорад рӯзӣ медиҳад"**. (Сураи Талоқ, ояти: 2-3)

**110-**Тақво сабаб барои осон кардани умур аст. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿ وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يَجۡعَل لَّهُۥ مِنۡ أَمۡرِهِۦ يُسۡرٗا ﴾ الطلاق: ٤ **"Ва ҳар**

**кас аз Аллоҳ битарсад, (Аллоҳ) корашро барояш осон месозад"**. (Сураи Талоқ, ояти: 4)

**111-**Тақво сабаб барои кафорати бадиҳо ва бисёр шудани подошҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَمَن يَتَّقِ ٱللَّهَ يُكَفِّرۡ عَنۡهُ سَيِّـَٔاتِهِۦ وَيُعۡظِمۡ لَهُۥٓ أَجۡرًا ٥﴾ الطلاق: ٥ **"Ва ҳар кас аз Аллоҳ битарсад, Аллоҳ гуноҳонашро мебахшад ва подоши ӯро бузург мегардонад"**. (Сураи Талоқ, ояти: 5)

**112-**Подоши парҳезкорон Ҷаннатҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ لِلۡمُتَّقِينَ عِندَ رَبِّهِمۡ جَنَّٰتِ ٱلنَّعِيمِ ٣٤﴾ القلم: ٣٤ **"Ба ростӣ барои парҳезгорон назди Парвардигорашон боғҳои пурнеъмат аст"**. (Сураи Қалам, ояти: 34)

**113-**Парҳезкорон ҳамон касонеанд, ки ба Қуръон панд мебаранд. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿وَإِنَّهُۥ لَتَذۡكِرَةٞ لِّلۡمُتَّقِينَ ٤٨﴾

**"Ва албатта ин (Қуръон) панд барои парҳезгорон аст"**. (Сураи Алҳоққа, ояти: 48)

**114-**Подоши парҳезкорон сояҳо ва чашмаҳо ва меваҳое ки майл доранд, мебошад. Аллоҳ таъоло мефармояд: ﴿إِنَّ ٱلۡمُتَّقِينَ فِي ظِلَٰلٖ وَعُيُونٖ ٤١ وَفَوَٰكِهَ مِمَّا يَشۡتَهُونَ ٤٢﴾ المرسلات: ٤١ - ٤٢ **"Ба ростӣ ки (дар он рӯз) парҳезгорон дар сояҳо ва (канори) чашмаҳо қарор доранд. Ва меваҳое ки майл дошта бошанд"**. (Сураи Мурсалот, ояти: 41-42)

**115-**Подоши парҳезкорон комёбӣ ба неъматҳост. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿إِنَّ لِلۡمُتَّقِينَ مَفَازًا ٣١ حَدَآئِقَ وَأَعۡنَٰبٗا ٣٢ وَكَوَاعِبَ أَتۡرَابٗا ٣٣ وَكَأۡسٗا دِهَاقٗا ٣٤ لَّا يَسۡمَعُونَ فِيهَا لَغۡوٗا وَلَا كِذَّٰبٗا ٣٥ جَزَآءٗ مِّن رَّبِّكَ عَطَآءً حِسَابٗا ٣٦﴾ النبأ: ٣١ - ٣٦

**"Албатта барои парҳезгорон комёбӣ аст. Боғҳо (-и мева) ва токистонҳо. Ва ҳуриёни ҷавон ва ҳамсину сол. Ва ҷомҳои лабрез ва паёпай (аз шароби покизаи Биҳишт). Дар онҷо на сухани беҳудае мешунаванд ва на дурӯғе. Подош додани кофӣ аз ҷониби Парвардигори туст"**. (Сураи Наба, ояти: 31-36)

**116-**Тақво аз асбоби осон шудан ба роҳи осон аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿فَأَمَّا مَنْ أَعْطَىٰ وَاتَّقَىٰ ﴿٥﴾ وَصَدَّقَ بِالْحُسْنَىٰ ﴿٦﴾ فَسَنُيَسِّرُهُۥ لِلْيُسْرَىٰ ﴿٧﴾﴾ الليل: ٥ – ٧

**"Пас аммо касе ки (дар роҳи Аллоҳ) бахшид ва парҳезгорӣ кард. Ва (суханони) некро тасдиқ кард. Пас Мо ӯро барои (роҳи) осон тавфиқ медиҳем"**. (Сураи Лайл, ояти: 5-7)

**117-**Тақво сабаби наҷот аз оташи Дӯзах аст. Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿وَسَيُجَنَّبُهَا ٱلْأَتْقَى ﴿١٧﴾ ٱلَّذِى يُؤْتِى مَالَهُۥ يَتَزَكَّىٰ ﴿١٨﴾ وَمَا لِأَحَدٍ عِندَهُۥ مِن نِّعْمَةٍ تُجْزَىٰٓ ﴿١٩﴾ إِلَّا ٱبْتِغَآءَ وَجْهِ رَبِّهِ ٱلْأَعْلَىٰ ﴿٢٠﴾ وَلَسَوْفَ يَرْضَىٰ ﴿٢١﴾﴾ الليل: ١٧ – ٢١

**"Ва ба зудӣ парҳезгортарини (мардум) аз он дур дошта мешавад. (Ҳамон) касе моли худро (дар роҳи Аллоҳ) мебахшад то пок шавад. Ва ҳеҷ касро бар ӯ неъмат (ва ҳаққе) нест, то бихоҳад (бо инфоқ) подош диҳад. Магар (барои) ба даст овардани ваҷҳ (ва хушнудии) Парвардигори бартарин. Ва ба ростӣ хушнуд хоҳад шуд"**.

(Сураи Лайл, ояти: 17-21)

Ба ин фоидаҳои тақвои мазкур дар Қуръони карим мувофиқи ҷустуҷӯи мо ба поён расид, пас бетакрор шасту чор фоида шуд ва бо такрор як саду ҳафт фоида шуд.[1]

Ва ҳамд барои Аллоҳ, ки парвардигори оламиён аст, ки ба неъматаш амалҳои солиҳ тамом мешавад ва Аллоҳе ки бар кадоме аз бандаҳояш хоҳад, миннат гузорад, пас онҳоро барои ҳақ ҳидоят кунад ва бисёриро аз ҳақ ба хотири ҳикмате, ки мехоҳад гумроҳ кунад, пас Аллоҳи ҳаким, доно, некӯкор, раҳим пок аст, Парвардигори мо аз сӯи Худ ба мо раҳмате бибахш, ба ростӣ ки Ту бахшандаӣ, эй Аллоҳ моро аз касоне бигардон ки дорои он сифатҳо ҳастанд, пас аз онон розӣ шудаӣ ва онон аз Ту розӣ шудаанд, эй Ҳайю эй Қайюм, эй касе ки мулки замину осмонҳо дар дасти Туст ва салоту саломи Аллоҳ бод бар паёмбарамон Муҳаммад ва бар хонадони Ӯ ва ҳамсуҳбатони Ӯ ва касоне ки ононро ба некӯи то рӯзи қиёмат пайравӣ карданд.

Дар рӯзи даҳуми моҳи ҷимод-ус-сонӣ, соли 1393 ҳиҷрӣ ба поён расид.

Ба фазлу ёрии Аллоҳ тарҷумаи ин рисола, рӯзи 4/ҷимод-ул-увлои/1440 ҳиҷрӣ мувофиқ ба 9/январи/2019 мелодӣ ба итмом расид.

✍Ба қалами: Шаҳобиддин Солиҳ

Мадинаи Мунаввара

[1] Мулоҳаза мешавад, ки дар аснои рисолаи фавоид, дар асл ба қалами фазилати шайх муаллиф раҳимаҳуллоҳ баъзе фоидаҳо рақамгузорӣ нашудааст ва барои ин ба 117 фоида расид.